**Тақризи роҳбари илмӣ,**

доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ ба диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

Мусаллам аст, ки сабки нигориши адибони тоҷик вижагиҳои худро дорост, ки метавон онҳоро ба тариқи ҷудогона таҳқиқ кард ва дар ин росто масъалаи тасвири як чеҳраи адиб аз ҷониби адиби дигар ва умуман тасвири чеҳраҳои маъруф дар адабиёти тоҷик як раванди ҷолиби диққат ва самти назарраси эҷоди бадеист. Маҳз барои ҳамин мубрамият ва муҳиммияти мавзуи илмии Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» дар нудрати таҳқиқи масъалаи чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода дида мешавад ва бо ҳамин васила паҳлуҳои дигари мақоми Сотим Улуғзода дар адабиёти муосир муайян карда мешавад. Ҳамзамон хусусиятҳои хоси наср, ҳунари портретофарӣ ва маҳорати муколамаофарии адиб, вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар асарҳои нависанда, инъикоси воқеаҳои таърихӣ асолат ва мубрамияти пажӯҳиши мазкурро тақвият додааст.

Аз ин лиҳоз таҳқиқоти мазкур дар баробари таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқони соҳа дар як рада қарор гирифта ҳусни таваҷҷуҳ ва эътирофи халлоқияти ҳунари нависандаро собит менамояд.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомгирифта метавон ба чунин натиҷа расид, доир ба масъалаи осори таърихии С. Улуғзода, бавижа таърихияти тасвир дар осори адиб ҳанӯз ҳам пажӯҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши таърихияти эҷодиёти нависандаро бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, ҷойгоҳи Сотим Улуғзодаро дар наср, драматургия ва осори синамоии таърихӣ муайян менамояд ва ҳамзамон хусусиятҳои асосии таърихияти осори ӯро ба қадри қудрат муайян месозад. Барои ба ин ҳадаф расидан кӯшиш шудааст, ки заминаҳо ва марҳилаҳои фароҳам омадани диди таърихии нависандаро

муайян намуда, ин масъаларо алоқаманд бо сарнавишти нависанда ва идроки таърих таҳқиқ карда, нақши тарҷумаи бадеиро дар ташаккули консепсияи диди таърихии он муайян шавад. Ҳамчунин вазифаи дигари таҳқиқ мушаххас намудани зинаҳо ва хусусиятҳои таърихияти осори нависанда ва муайян намудани нақши ҳуҷҷати таърих ва хаёли бадеӣ ҳамчун унсурҳои фаъоли тафаккури таърихии нависанда ва таърихияти диди бадеӣ муаррифӣ мешавад. Дар ин замина унвонҷӯй таърихияти тасвирро ҳамчун макулаи ибрати таърих ва падидоварандаи худшиносии таърихӣ арзёбӣ карда, ҷойгоҳи шахсиятҳои фарҳангии таърихиро дар консепсияи идроки бадеии нависанда муайян намудааст.

Унвонҷӯй Нодирова М.А. дар таҳқиқоти мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, нахустин маротиба заминаҳо ва марҳилаҳои ба вуҷуд омадани диди таърихии нависанда роҷеъ ба офаридани портрети адабӣ ва фарҳангӣ муайян кардааст. Нуктаи дигари навгонии таҳқиқ дар он аст, ки бори аввал нақши тарҷумаи бадеӣ дар ташаккули консепсияи диди таърихии Сотим Улуғзода тавзеҳ ёфта, ҳамчунин зинаҳо ва хусусиятҳои таърихияти осори нависанда муайян карда шудааст. Дар ин замина нақши ҳуҷҷати таърих ва хаёли бадеӣ ҳамчун унсурҳои фаъоли тафаккури таърихии нависанда ва таърихияти диди бадеии ӯ муайян гардида, дар рисола бори нахуст таърихияти тасвир ҳамчун макулаи ибрати таърих ва падид оварандаи худшиносии таърихӣ арзёбӣ гардида, мақоми шахсиятҳои фарҳангии таърихӣ дар консепсияи идроки бадеии нависанда муайян карда шудааст.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Нодирова М.А. дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад ба сифати сарчашма дар таҳқиқи адабиёти муосир ба таври густурда истифода шавад. Ҳамзамон хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқ ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назариву методологӣ дар таҳқиқоти адабиёти муосир ва коргоҳи

эҷодии адибони ҷудогона аз тарафи муҳаққиқони минбаъда ба кор гирифта мешавад.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти бештари ҳунари нависандагии С.Улуғзода ва муаррифии коргоҳи адабии нависанда ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода шавад ва ҳамчунин ба ҳайси як заминаи назарӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда хизмат намояд. Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти шинохти чеҳраҳои фарҳангиву таърихӣ дар адабиёти бадеӣ ва махсусан дар омӯзиши эҷодиёти адибони муосир мавриди васеи истифода қарор гирад.

Масъалаҳо ва конскепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад. Ин нукта дар он дида мешавад, ки заминаҳо ва марҳилаҳои ба вуҷуд омадани диди таърихии нависанда роҷеъ ба офаридани портрети адабӣ ва фарҳангӣ вижагиҳои ҷолиби диққат ва қобили таҳқиқу омӯзиш муаррифӣ мешавад ва дар ин замина нақши тарҷумаи бадеӣ дар ташаккули консепсияи диди таърихии Сотим Улуғзода махсусияти назррас касб кардааст. Натиҷаи таҳқиқот ба овардааст, ки зинаҳо ва хусусиятҳои таърихияти осори нависанда аз нигоҳи вусъат ва амиқият, фарогирӣ ва гуногунрангӣ нотакрор ва арзишманду ҷолиб ба назар мерасад. Ҳамзамон нақши ҳуҷҷати таърих ва хаёли бадеӣ ҳамчун унсурҳои фаъоли тафаккури таърихии нависанда ва таърихияти диди бадеии ӯ аз заминаҳои асосии эҷоди бадеӣ ва методи воқеънигоронаи адиб муаррифӣ мешавад. Нуктаи дигари муҳим дар он дида мешавад, ки равишҳо ва хусусиятҳои шинохт ва тасвири таърихии нависанда дар асарҳои насрии нависанда аз қабили «Ривояти суғдӣ», «Марги ҳофиз», «Восеъ», «Фирдавсӣ», драмаҳои «Рудакӣ», «Ҷавонии Сино», «Алломаи Адҳам ва дигарон», «Қисмати шоир» ва «Ибни Сино» ҷаззобияти хос ва обуранги нотакрорро дар коргоҳи адабии нависанда нишон медиҳанд. Бо ҳамин тартиб таърихияти тасвир ҳамчун макулаи ибрати таърих ва падидаи

худшиносии таърихӣ, мақоми шахсиятхои фарҳангии таърихӣ дар консепсияи идроки бадеии нависанда ба таври барҷаста ва ҷаззобу муассир ироа карда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи илмии диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевнаро дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода», ки барои дарои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, доктори илми филология, декани факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Сироҷиддини Эмомалӣ.**

20-уми октябри соли 2021.

**Имзои Сироҷиддини Эмомалиро тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«20» октябри соли 2021.